**ТАҚРИЗИ**

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Бойматова Дилрабо Меликмуродовна дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ ва фаронсавӣ (дар намунаи асл ва тарҷумаи романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ ва повести «Бегона»-и Албер Камю)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ)

Воҳидҳои фразеологӣ маҷмӯи ифодаву ибораҳои рехтаву устувори дар тӯли садсолаҳо шаклгирифтаи ҳар кадом забон, аз ҷумла забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавиро ташкил медиҳанд. Дар заминаи баррасии илмии воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ таҳқиқоти зиёди арзишманд сурат гирифтааст. Вале, мутаассифона, дар масъалаи омӯзиши муқоисавии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ бо забони фаронсавӣ то ҳанӯз таҳқиқоти ҷудогона ба анҷом нарасидааст.

Бинобар ин, дар диссертатсияи Бойматова Дилрабо Меликмуродовна мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтани воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ дар намунаи воҳидҳои фразеологии романи “Духтари оташ”-и Ҷалол Икромӣ ва повести “Бегона”-и Албер Камю дар забоншиносии тоҷик аз аҳаммияти вижа бархурдор хоҳад буд ва барои таҳқиқоти минбаъда дар ин замина роҳ ҳамвор хоҳад кард.

Ин нукта ҳам ҷолиб ба назар мерасад, ки пайдоиши худи мафҳуми фразеологияро муҳаққиқон бо номи забоншиноси фаронсавии швейтсаритабор Ш. Балли алоқаманд медонанд.

Навгонии таҳқиқоти мавриди назар пеш аз ҳама дар ин зоҳир мешавад, ки дар ин диссертатсия бори нахуст таҳлили муқоисавии воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ дар намунаи воҳидҳои фразеологии романи “Духтари оташ” -и Ҷалол Икромӣ ва повести “Бегона” -и Албер Камю ва тарҷумаҳои онҳо мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, таҳқиқоти ҷолиб ва қобили мулоҳиза анҷом пазируфтааст.

Дисертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима оид ба мубрамияти мавзӯи таҳқиқшуда, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, методи таҳқиқ, навгониҳо, аҳаммияти илмию амалии таҳқиқот, нукоте, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд ва дигар бахшҳои анъанавӣ маълумот дода шудааст.

Дар боби якум зери унвони “Воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ” дар бораи воҳидҳои фразеологӣ маълумоти

мухтасар оварда шуда, дар зимн масъалаи омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия – "Баррасии маънoии воҳидҳои фразеологии романи "Духтари оташ"-и Ҷалол Икромӣ дар муқоиса ба тарҷума ва нашри фаронсавии он" ном дошта, ба таҳқиқу баррасии воҳидҳои фразеологии романи "Духтари оташ"-и Ҷалол Икромӣ ва тарҷумаи фаронсавии онҳо бахшида шудааст.

Боби сеюми диссертатсия "Баррасии маънoии воҳидҳои фразеологии повести "Бегона"-и Албер Камю дар муқоиса ба тарҷумаи тоҷикии онҳо" унвон дорад ва фаслҳои он таҳқиқу баррасии воҳидҳои фразеологии повести "Бегона"-и Албер Камю, монандӣ ва тафовути воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавиро дар намунаи романи "Духтари оташ"-и Ҷалол Икромӣ" ва "Бегона"-и Албер Камю дар бар мегирад.

Дар бахши хулоса натиҷагириҳо дар заминаи таҳқиқи воҳидҳои фразеологии романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ ва повести «Бегона»-и Албер Камю дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ ҷамъбаст гардидааст. Натиҷагирии зерини соҳиби диссертатсия дар мавриди монандӣ ва тафовути воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ ҷолиб ва қобили таваҷҷуҳ ба назар мерасад: "Монандии воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ дар он зоҳир мешавад, ки муродифи аксари онҳо ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони фаронсавӣ мавҷуданд. Тафовут дар он аст, ки баъзе воҳидҳои фразеологии тоҷикию фаронсавӣ ба анъанаву суннатҳои миллию маҳаллии ин ду халқ алоқамандӣ доранд, аз ин хотир дар ҳар ду забон муодили ягона надоранд".

Мақолаҳои ба нашр расонидаи соҳиби диссертатсия мазмуну муҳтавои онро дар бар мегиранд.

Ба сифати роҳбари илмӣ рисолаи илмии Бойматова Дилрабо Меликмуродовна дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ ва фаронсавӣ (дар намунаи асл ва тарҷумаи романи «Духтари оташ»-и Ҷалол Икромӣ ва повести «Бегона»-и Албер Камю)»-ро кори анҷомёфтаи илмӣ ва ба талаботи КОА ҶТ ҷавобгӯ меҳисобам ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Роҳбари илмӣ: М.Б. Султонов, доктори илми филология, узви вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон